**Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Роҳҳои татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»**

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 ноябри соли 2015, дар асоси ризоияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Роҳҳои татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро дар толори Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор намуд.




Консепсияи идоракунии рушди маҳал барои давраи то соли 2030 барои заминасозӣ ва тарҳрезии рушди маҳал ҳуҷҷати стратегӣ ба ҳисоб рафта, Кумита ҳамчун мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ сиёсати давлатиро дар соҳаи рушди маҳал татбиқ менамояд.

Консепсия асоси ташкилию методологиро барои пешбурди азнавсозӣ дар сатҳи маҳал фароҳам оварда, ба татбиқи ҳуҷҷаҳои стратегии қаблан қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими функсияҳо, ташкил ва сохтори идоракунии маҳал мусоидат хоҳад кард.

**Мақсад аз баргузории Конференсия:**

– шиносоии роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз мақсад, вазифаҳо, асосҳои сиёсию ташкилӣ ва ҳуқуқии такмили идоракунии рушди маҳал, механизм ва марҳилаҳои асосии татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал ва таҳияи таклифу пешниҳодот оид ба роҳҳои татбиқи он;

– мушаххас намудани мавқеъҳои ташкилии мақомоти марказию маҳаллӣ оид ба амалӣ намудани марҳилаҳои ислоҳотие, ки дар Консепсия дарҷ шудаанд;

– муҳокима намудани қадамҳои минбаъда оид ба тақвият бахшидан ба ташаккули механизмҳои татбиқи Консепсия ва пайдарпай амалӣ намудани он;

– маълумоти амиқ пайдо намудан бо афкору пешниҳодоти шарикони рушд ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба татбиқи Консепсия ва тақвияти ҳамкорӣ бо онҳо;

– табодули назар оид ба татбиқи Консепсия аз маърӯза, баромад, ва таклифу пешниҳодҳои иштирокдорон ва нақшаи амали он.



Дар кори конференсия зиёда аз 350 нафар намояндаҳои мақомоти марказию маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корпуси дипломатӣ, созмонҳои байналмилалие, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд, марказҳои татбиқи лоиҳаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳибкорон иштирок намуданд.

Дар конференсия масъалаҳои рӯзмарраи рушди маҳал, алалхусус роҳҳои татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, таҳияи чорабиниҳо ва ташаккули механизмҳои амалишавии он, нақши мақомоти марказӣ, маҳаллӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши соҳибкорӣ дар амалӣ намудани бандҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.